«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
_____Хушвахтзода Қ.Х.
«___» _____2022

ХУЛОСАИ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) солҳои 1946-2020» аз тарафи Шӯрои илмии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти суратмаҷлиси №3 аз 29.11.2014 тасдиқ шудааст ва дар кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонда шудааст.

Муаллифи диссертатсия Шоинбеков Фируз Нағзибекович соли 2007 Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М.Назаршоевро бо ихтисоси муаррих ва ҷомеъашинос ҳатм намудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия унвонҷӯ Шоинбеков Фируз Нағзибекович ба ҳайси муаллими калон дар кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекард.

Аз соли 2014 унвонҷӯи кафедраи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Шаҳодатномаи №59, ки 20.04.2021 аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар он хусуси дода шудаст, ки ӯ имтиҳонҳои номзадиро аз рӯи фанҳои таърих ва фалсафаи илм (19 феврал соли 2021) бо баҳои «хуб» ва забони хориҷӣ (англисӣ) (6 март соли 2021 бо баҳои «хуб» супоридааст.

Роҳбари илмӣ – Яқубов Юсуфшоҳ, доктори илмҳои таърих, академики Академияи милли илмҳои Тоҷикистон.

Диссертатсияи номзадии Шоинбеков Фируз Нағзибекович «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) (1946-2020)» дар ҷаласаи кафедраи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва барои ҳимоя тавсия карда шудаст. Дар муҳокима д.и.т. академик Яқубов Ю., д.и.т. Довудӣ Д., д.и.п. профессор Зиёзода Т.Н., дотсентон: Асоев С.У., Наҷотова Н.Б., Асрориён Ҷ.О., муаллимони калон: Азизов М.Д. Мирзоалиев И.Ҳ., ассистентон: Абдулҳаев Ш.И., Муродов С., доктор PD: Ҳашаматулло У. ва магистрҳои кафедра ширкат доштанд.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокима хулосаҳои зерин қабул карда шуданд:

Ёдгориҳои бостоншиносии Помир аҳаммияти калони илмӣ ва фарҳангӣ дошта, бо омӯзиши онҳо метавон маскуншавии қадимтарин одамон дар минтақаи баландкӯҳи Осиё, сабабҳои ба ин ҷо ҳаракат намудани қабилаҳои давраи санг, биринҷ, сукунат ва равнақи соҳаи хоҷагидорӣ ва дигар масъалаҳоро метавон мавриди омӯзиш қарор дод. Дар Помир метавон бо ёдгориҳои археологии тамоми давраҳои таърихӣ дучор омад, ки баъзе аз онҳо ҳатто шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд. Муҳим он аст, ки муаллиф дар таҳқиқи рисола таърихи омӯзиши ёдгориҳои археологӣ, саҳми экспедитсия ва гурӯҳҳои бостоншиносии замони Шӯравиро хеле пурра ва равшан инъикос намудааст. Бостоншиносон дар шароити вазнини Помир тавонистанд кашфиётҳои бузурги археологиро ба вуҷуд биёранд ва «доғи сафед»-ро аз харитаи бостоншиносии Помир пок намоянд. Дар натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносии Помир даҳҳо асару мақолаҳои илмӣ навишта шуданд, ки дар омӯзиши минбаъдаи таърих, бостоншиносӣ, этнография, антропология ва дигар бахшҳои таърихи Помир аҳаммияти калони илмӣ доранд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот: Ҳадафи асосии таҳқиқоти рисола таҳлили масоили ҳалталаби археологияи Помир маҷмӯи осори илмии бостоншиносӣ ва таърихнигории археологияи ВМКБ дар тӯли солҳои 1946-2020 ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф муаллифи рисола дар назди хеш вазифаҳои зерин гузоштааст:

1. Инъикоси фаъолияти муҳаққиқони тоинқилобӣ дар омӯзиш ва ба қайд гирифтани ёдгориҳои бостоншинносии Помир;

2. Инъикоси самт ва фаъолияти аввалин экспедитсияҳои бостоншиносӣ дар ВМКБ ва комёбиҳои онҳо;

3.Муайян намудани арзиши илмӣ ва таърихии ёдгориҳои бостоншиносии ВМКБ барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва Осиёи Марказӣ;

4. Нишон додани саҳми муассисаҳои илмӣ, экспедитсияҳо, гурӯҳҳои археологӣ ва шахсони алоҳида аз қабили олимони бостоншинос дар омӯзиши бостоншиносии ВМКБ;

5. Муайян намудани дараҷаи дарк ва тафсири бозёфтҳои ба даст омада аз ҷониби бостоншиносон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи бостоншиносии ВМКБ;

6. Муайян намудани моҳият ва ба ҳам алоқаманд будани ёдгориҳои бостоншиносии ВМКБ, дар натиҷаи гузаронидани ҳафриёт дар қалъаҳои Ямчун, Қаҳқаҳа ва Карон аз ҷониби муаллиф;

7. Таҳлил ва баррасӣ намудани масъалаҳои мубрами бостоншиносии давраи санги Помир дар асоси таҳқиқотҳоибостоншиносӣ, геологӣ, палеоҷуғрофӣ, палеоботаникӣ ва палеозоологӣ;

8. Инъикоси дараҷаи омӯзиш, таҳлили дарк ва фаҳмиши осори модии замони санг, биринҷ, сакоиҳо аз ҷониби муҳаққиқон;

9. Муайян намудани сатҳи омӯзиш ва дараҷаи дарки петроглифҳои Помир аз ҷониби муҳаққиқон;

10. Вориди фазои илмӣ кардан ва мавриди пажӯҳиш қарор додани маводи саҳроӣ ва мушоҳидаҳои илмии муаллиф, ки барои такмили

ҷанбаҳои норӯшани масоили марбут ба таърих ва бостоншиносии Помир муҳим мебошанд;

Навоварии илмии таҳқиқот: Навгонии илмии кор дар он аст, ки дар он бори аввал омӯзиши бостоншиносии ВМКБ (Помир) дар асри XX ибтидои XXI ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Инчунин дараҷаи омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии ВМКБ (Помир) дар замони Шӯравӣ ва осори илмии муҳаққиқкони ин давра таҳлил ва баррасӣ шуда, самт ва фаъолияти аввалин экспедитсияҳои бостоншиносӣ дар ВМКБ ва комёбиҳои онҳо пурра инъикос гардиданд. Ба ғайр аз ин муаллиф дараҷаи дарк ва тафсири бозёфтҳои бадаст омада аз ҷониби бостоншиносонро дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи бостоншиносии ВМКБ (Помир) таҳлил ва баррасӣ намуда, моҳият ва ба ҳам алоқаманд будани ёдгориҳои археологии ВМКБ, (Помир) аз ҷумла қалъаҳо дар натиҷаи гузаронидани ҳафриёт дар Ямчун, Қаҳқаҳа ва Карон муайян намудааст. Муҳим он аст, ки маводи саҳроӣ ва мушоҳидаҳои илмии муаллиф, ки барои такмили ҷанбаҳои норӯшани масоили марбут ба таърих ва археологияи Помир муҳим мебошанд, вориди фазои илмӣ шуда, мавриди пажӯиш қарор дода шуданд.

Асоси методологӣ ва назариявии тадқиқот: маводи таҳқиқотии бостоншиносони маъруфи Шӯравӣ ва Тоҷикистон, ки ба таърих ва бостоншиносии Помир бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Ба ин қатор олимони машҳур А.Н.Бернштам, Б.А.Литвинский, В.А.Ранов, А.Ҷ.Бобоев, В.А.Жуков, А.Н.Зеленский, М.А.Бубнова ва Ю. Якубов дохил мешаванд. Инчунин дар рисола аз усулҳои илмӣ – муқоисавӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ, таснифӣ ва ғайраҳо васеъ истифода шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот: муҳтаво ва мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон дар таълифи асарҳои ҷамъбастӣ роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик, инчунин барои хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои «Бостоншиносии давраи санг», «Бостоншиносии давраи биринҷ ва ибтидои асри оҳан» «Таърихнигории археологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» васеъ истифода кард. Хулосаҳо ва

тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои калидии таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёнаи тоҷик ва Осиёи Марказӣ хеле муфид мебошанд.

Иштирок дар корҳои саҳроӣ-бостоншиносӣ: Муаллиф дар экспедитсияҳои археологӣ дар ҳафриёти қалъаи Ямчун дар соли 2016, қалъаи Қаҳқаҳа (2016) ғорҳо ва маъбади Вранг (2016) Карон (2016, 2019, 2020), ва дар дигар экспедитсияҳои археологӣ дар қалъаи Ҳисор (2014) Шаҳртеппаи Фарҳор (2014, 2015, 2016, 2017), Саразм (2019), шаҳраки Сайёди н. А. Ҷомӣ (2021) ва Кангуртут (2021) иштирок намуда, маводи ҷамъовардаро дар навиштани рисола васеъ истифода намудааст. Натиҷаи корҳои саҳроӣ дар маҷаллаҳои илмии дохил ва хориҷи кишвар низ нашр шудааст.

Мақолаҳои ба табърасондаи муаллиф мазмуни асосии диссертатсияи ӯро инъикос мекунанд. Мазмуни кори диссертатсионӣ дар 4 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои илмии тақризшаванда, ки КОА Вазорати маориф ва илми Федратсияи Россия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додааст, инъикоси худро ёфтааст:

1. Шоинбеков Ф. Аз таърихи омӯзиши ёдгориҳои археологии Помир [Матн] / Ф. Шоинбеков // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – 2015. – №5 (66). – С.253-255.
2. Шоинбеков Ф. Саҳми профессор А.Ҷ.Бобоев дар омӯзиши ёдгориҳои археологии Помири Ғарбӣ [Матн] / Ф. Шоинбеков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №6. – С.46-50.
3. Шоинбеков Ф. А.Н.Бернштам нахусткашшофи ёдгориҳои археологии Помир [Матн] / Ф. Шоинбеков // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – №4 (012). – С.78-81.
4. Якубов Ю., Шоинбеков Ф. Цитадель Ямчун (о работах Ишкашимского археологического отряда в 2016 г.) [Текст] / Ю. Якубов, Ф. Шоинбеков // Доклады Национальной академии наук Таджикистана. – 2021. – №1 (013). – С.43-50.

Ҳамин тариқ диссертатсияи номзадии Шоинбеков Фируз Нағзибекович «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) (солҳои 1946-2020» арзиши баланди илмӣ дорад ва тадқиқоти пурра ба анҷом расида ба ҳисоб меравад. Диссертатсия ба талабати пешниҳод намудаи КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимояи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.06. – Бостоншиносӣ тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2022, бо суратҷаласаи (протоколи) №8 қабул шудааст.

Дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд, натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» 13 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Мудири кафедраи таърихи
дунёи қадим, асрҳои миёна
ва бостоншиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон
н.и.т. дотсент: **Асоев С.У.**

Имзои С.У. Асоевро тасдиқ
мекунам Сардори РК
ва КМ –и ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**

30. 03. 22